**аз 27.01.2025, №17691/1.3**

Мақомоти
ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо, дар ҳисоботи андоз дуруст дарҷ намудани манбаъҳои андозбандӣ ва ислоҳи камбудиҳои дар фаъолияти воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ ҷойдошта, мактуби дастурии мазкурро барои корбарӣ ва таъмини иҷро ирсол менамояд.

Тибқи талаботи банди 56 "Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.07.2022, №360) рамзҳои сабабҳои баҳисобгирии ба андозсупоранда дода шуда, ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории андоз аз ҷониби мақомоти андоз бекор карда мешавад.

Мутобиқи талаботи қонунгузории андоз, воҳидҳои асосӣ ва воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ уҳдадор мебошанд, ки дар эъломияҳои андоз манбаъҳои андозбандишавандаро пурра нишон дода, онро ба мақомоти андоз дар мухлатҳои муайяншуда пешниҳод намуда, пардохти андозҳоро, аз ҷумла андозҳо аз молу мулк, андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро бо риояи муқаррароти Қонун дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявӣ ба буҷетҳои дахлдор таъмин намоянд.

Бо назардошти риоя нагардидани талаботи қонунгузории андоз тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.07.2022, №360 ва фармоиши Кумитаи андоз аз 09.01.2025, №22 ҳамаи рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ, ки қаблан ба воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ дода шуда буданд, бо сабабҳои зерин бекор карда шуданд:

- риоя нагардидани муқаррароти Кодекси андоз ва Қонун дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявӣ оиди дар ҳисоботи андоз дуруст ва пурра нишон надодани манбаъҳои андозбандишаванда ва пардохт накардани маблағи андозҳо ба буҷетҳои дахлдор;

- суистифода намудан аз муқаррароти Кодекси андоз оид ба рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ ва саркаши намудани андозсупоранда аз бақайдгирии субъекти хоҷагидори алоҳида;

- канорагирӣ аз андозбандӣ - кам нишон додани ҳаҷми уҳдадории андозӣ;

- алоқамандӣ надоштани воҳидҳои алоҳида, объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ (аз ҷумла бино ва иншоот) ба шахсони ҳуқуқӣ (воҳидҳои асосӣ) ва дигар сабабҳо.

Бинобар ин, ҷиҳати минбаъд риоя гардидани муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандагон, пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо, канорагирӣ аз андозбандӣ, дуруст ҳисоб ва пардохт намудани маблағи андозҳо ба буҷетҳои дахлдор, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки чораҳои зеринро амалӣ намояд:

1. Бонкҳо, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ, корхонаҳое, ки дар соҳаҳои воридот ва фуруши сӯзишворӣ, парандапарварӣ, энергетика, хизматрасониҳои таълимӣ, тиббӣ, косметологӣ, нақлиётӣ, марказҳои савдо (гипермаркет, супермаркет) ва корхонаҳои саноатӣ:

- тибқи муқаррароти Қонун "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" дар марказҳои маъмурии ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе филиали худро таъсис диҳанд;

- андозҳои воҳидҳои алоҳидае, ки дар дигар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе мавҷуд мебошанд, ба истиснои андозҳои маҳаллӣ (андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк) тавассути филиалҳои дар марказҳои маъмурии ин минтақаҳо таъсисдодашуда ҳисоб ва пардохт намоянд;

- андозҳои воҳидҳои алоҳидае, ки дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавҷуд мебошанд, ба ғайр аз андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк тавассути воҳидҳои асосӣ (болоӣ) ҳисоб ва пардохт намоянд;

- андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулкро тибқи муқаррароти қонунгузории андоз ба буҷети маҳаллӣ ҳисоб ва пардохт намоянд;

- ҳангоми дар марказҳои маъмурии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе мавҷуд будани филиали субъектҳои дар ҳамин банди мазкур пешбинишуда, тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи андозҳоро тибқи тартиби сархатҳои дуюм, сеюм ва чоруми мактуби мазкур амалӣ намоянд.

2. Субъектҳои хоҷагидорие, ки ба фаъолияти коркарди истихроҷи захираҳои табиӣ, бизнеси бозӣ ва корҳои сохтмонӣ машғул мебошанд, инчунин корхонаҳои давлатӣ бе кушодани РСБ, филиал ва ё намояндагӣ дар шаҳру ноҳияҳо:

- андозҳоро (ба истисноии андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт, андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк ва андоз аз бизнеси бозӣ) дар шакли марказонидашуда ба буҷети маҳалли бақайдгирии воҳиди асосӣ (болоӣ) пардохт намоянд;

- андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт, андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк ва андоз аз бизнеси бозиро ба буҷети маҳаллӣ ҳисоб ва пардохт намоянд;

- маблағи роялти барои истихроҷро ба буҷети маҳалли объекти андозбандӣ ҳисоб ва пардохт намоянд;

- ҳангоми мавҷуд будани филиал ва ё намояндагӣ тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи андозҳоро тибқи тартиби банди мазкур амалӣ намоянд.

3. Корхонаҳое, ки дар сохтмони "НБО Роғун" фаъолият менамоянд ва шумораи кормандони онҳо низ дар ҳудуди шаҳри Роғун қарор доранд, аммо маҳалли бақайдгирии худи субъект дигар шаҳру ноҳияҳо мебошад, тибқи муқаррароти Қонун "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" суроғаи ҳуқуқии худро аз дигар шаҳру ноҳияҳо ба шаҳри Роғун иваз намуда, андозҳоро мутобиқи тартиби муқарраргардида ҳисоб ва ба буҷетҳои дахлдор пардохт намоянд.

4. Субъектҳои ба фаъолияти бозорҳо, маснуоти заргарӣ, хариду фуруш, доруворӣ (дорухонаҳо), кишоварзӣ, хизматрасониҳои хуроки умумӣ, диллерҳо (фуруши чипта) ва дигар хизматрасонӣ ва хариду фуруш машғул буда:

- тибқи муқаррароти Қонун "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" дар шаҳру ноҳияҳо, ки қаблан тавассути РСБ фаъолият мекарданд, субъекти хоҷагидори алоҳида (шахси ҳуқуқӣ) таъсис диҳанд;

- маблағи андозҳо тибқи муқаррароти Кодекси андоз аз ҷониби субъектҳои таъсисдодашуда дар алоҳидагӣ ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

5. Дар доираи талаботи моддаҳои 116-118 Кодекси андоз бақияпулӣ ва изофапулиҳои андозҳо аз ҳисобварақаи воҳидҳои алоҳидаи андозсупорандагон ба ҳисобварақаҳои воҳиди асосии (болоӣ) онҳо гузаронида мешавад. Вобаста ба ин мақомоти ҳудудии андоз вазифаҳои зеринро иҷро намояд:

- бо мақсади кам намудани бақияи қарзи андозҳои ба воҳиди асосӣ гузаронидашуда, тибқи муқаррароти Кодекси андоз ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз чораҳои иловагӣ андешад;

- асоснокӣ ва дурустии изофапулии андозии андозсупорандагонро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати дар фаъолияти воҳиди асосие, ки ба онҳо изофапулии воҳидҳои алоҳида гузаронида шудааст, анҷом додани корҳои таҳлилию назоратӣ ва аз ин ҳисоб таъмини пешниҳоди эъломияҳои андоз чораандешӣ намуда, доир ба рафти иҷрои ухдадориҳои андозӣ бо субъектҳои хоҷагидорӣ санади муқоисавӣ тартиб диҳанд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати таъмини иҷрои муқаррароти фармоиш ва мактуби дастурии мазкур,

инчунин бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидор гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ чораҷӯйӣ намояд.

Мактуби дастурӣ аз 21.01.2025, №1221/1.2 оид ба бекор гардидани рамзи сабабҳои баҳисобгирии воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, аз эътибор соқит дониста шавад.

Раис Н. Давлатзода